# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Рустами Абдуҷаббор “Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Муносибатҳои бозорӣ барои одамон муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва байниҳамдигариро ба миён овард, ки аз шаҳрвандон неруи тоза ва мутобиқ шудан ба муносибатҳои нави иқтисодиву иҷтимоиро тақозо менамояд. Аз худ кардани меъёрҳо, арзишҳо, мафҳумҳои иқтисодӣ ҳамчун зарурият ногузир гаштааст.

Вобаста ба ин довтала хеле дуруст таъкид менамояд, ки дар ин маврид бояд таваҷҷуҳи хосаро ба тарбияи ахлоқӣ ва иқтисодии насли наврас равон намуд, зеро системаи арзишҳои онҳо дар раванди ташаккулёбӣ мебошад. Маҳз ҳамин талабот мубрамияти омӯзиши мавзуъро афзун мекунад, зеро дар ҳамин синну сол азхудкунии фаъоли арзишҳои ҷомеа оғоз меёбад, ташаккули босуръати шахсият, ки насли ояндасози ҷомеа маҳсуб мешавад, сурат мегирад.

Аввалин сарчашмаи чунин арзишҳо, ки ба насли наврас дар бораи олами атроф, меъёрҳои рафтор маълумот медиҳад, хонавода мебошад.

Таҳқиқоти пешин ва солҳои охир эътироф менамояд, ки маҳз хонавода омили муҳим барои ташаккулёбии шахсияти наврас ба шумор меравад, бинобар ин омӯзиши муносибатҳои хонаводагӣ, нақши волидайн дар ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ ва иқтисодии наврас масоили мубрами таҳқиқот қарор дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар байни ниҳодҳои иҷтимоӣ тарбияи хонаводагӣ мақоми махсусро ишғол менамояд, зеро кӯдакону наврасон дар муддати тӯлонӣ дар зери таъсири хонавода фаро гирифта мешаванд. Ташаккулёбии меъёрҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии наврасон маҳз дар хонавода оғоз мегардад. Аммо дар як вақт хонавода ҳамчун институти иҷтимоӣ ҳамеша дигаргун мешавад. Дигаргуншавии имрӯзаи хонавода дар ҷомеа бо ба миён омадани муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар, тезутундшавии муносибатҳои иҷтимоӣ, дараҷаи нобаробарии некуаҳволии ҷомеа ва буҳрони ахлоқӣ ба вуҷуд меоянд.

Бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ проблемаи тарбияи иқтисодии насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии

тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад, ки дар ин маврид мавқеъ ва нақши хонавода назаррас аст. Зеро азхудкунии донишҳои ибтидоӣ, муайянкунии тасаввурот ва васеъшавии ҷаҳонбинии насли наврас маҳз аз хонавода оғоз мегардад. Ҳамаи ин зарурияти омӯзиши мақом ва нақши назарраси хонаводаро ҳамчун институти тарбиявии иҷтимоӣ дар ташаккулёбии шахсияти насли ояндасоз муҳим ва мубрам менамояд.

Дар маҷмуъ, ҷамъи масоил дар боло зикршуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Рустами Абдуҷабборро бозгӯ карда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти унвонҷӯй шаҳодат медиҳад, ки ба ташаккули фарҳанги хонавода дар тарбияи иқтисодии наврасон нигаронида шудааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогика, психология ва рушди неруи инсонии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 08.12.2022, №05).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва нишон додани нақши хонавода дар тарбияи иқтисодии насли наврас ва ташаккули меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар замони иқтисоди бозорӣ буда, нақши хонавода ҳамчун институти тарбия ба таври назариявӣ омӯхта шудас; дар заминаи таҳқиқот мушкилоти равандии тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ ошкор карда шуда, роҳҳои бартараф кардани ин мушкилот нишон дода шуд; роҳҳо, принсипҳо, методҳо ва технологияи тарбияи ахлоқиву иқтисодии наврасон дар хонавода бо такя ба натиҷаи таҳқиқот пешниҳод карда шуда, тавсияҳои илмӣ-педагогӣ барои омӯзгорону мутахассисон оид ба роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги хонаводагӣ ва тарбияи иқтисодии наврасон коркард ва оироа шудааст.

Натиҷаҳои кори озмоишӣ ба васеъсозии тасаввуроти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккули салоҳиятҳои

иқтисодии онҳо дар муҳити хонавода нигаронида шуда, имкон медиҳанд, мушкилоти мавчудбудаи масъалаи тарбияи иқтисодии насли наврас дар муҳити оилавӣ ба ҳадди ақал расонида шуда, назарияи педагогиро дар бораи тарбияи иқтисодӣ дар оила пурра месозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба сифати маводи амалӣ оид ба ташаккули фарҳанги хонаводагӣ дар тартиб додани барномаю дастурҳои таълимию методӣ кӯмак мерасонанд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи ба шиносномаи ихтисоси илмий 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;) ва б *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои кафедраҳои Донишгоҳи давлатии Данғара баррасӣ гардида, мунтазам дар шакли маърӯзаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, курсу семинар ва мизҳои мудаввар ироа ва тасвиб шуда, дар шакли 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи такрорӣ ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор “Фарҳанги хонавода ва

тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) **ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

в) **ба сифати муқарризони расмӣ:** Файзализода Ҷумахон Хол - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи сотсиология ва психологияи идоракунии Академии идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бобоева Маҳбуба Ҷӯрахоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи пеадгогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — С. Шербоев

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент — Л.Т. Рӯзиева

Номзади илмҳои педагогӣ — Д. Маҳкамов

14.09.2023

*“Имзои С. Шербоев, Л.Т. Рӯзиева*
*ва Д.Махкамовро тасдиқ мекунам”*

Сардори РК ва КМ ДДХ
ба номи академик Б. Гафуров — М. Саидова

ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН • АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА • ШУЪБАИ КАДРҲО • ОТДЕЛ КАДРОВ